**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Removed**

**Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода ба диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Қабл аз ҳама, бояд иброз намуд, ки омилҳои асосии пайдоиши васоити ахбори оммаи корпоративӣ ба талаботи замон, шаклгирӣ ва вусъатёбии авзои сиёсиву иқтисодӣ, ташкили корхонаҳои азими саноатию истеҳсолӣ ва шароиту имконияти онҳо ҷиҳати нашри ин навъи ВАО маънидод мегардад.

Эътимоди мардум ба журналистикаи корпоративӣ ҳамеша як мушкили ҷиддӣ маҳсуб меёфт. Масъалаи фармоиш додани мавод ва рекламаи пинҳонӣ дар расонаҳо кайҳо боз диққати олимони назария ва амалияи журналистикаро ҷалб кардааст.

ВАО-и корпоративӣ васоити ахбори оммаи ҷиддӣ аст ва дар он масъалаҳои муҳимми истеҳсолот, тиҷорат, экология, илм, маориф, фарҳанг, варзиш ва ғайра инъикос карда мешаванд. Нашри ин мавод барои менеҷерони маркетинг ғайримуқаррарӣ менамояд, зеро дар идораи ВАО-и корпоративӣ дастаи баландихтисоси касбӣ ва аз ҷиҳати ахлоқӣ устувор ҷамъ шуда, қодир ҳастанд, ки рушди бомуваффақияти ширкат ё корхонаро дар шароити рақобати шадиди бозорӣ таъмин намоянд. Ширкати расонаҳои корпоративӣ одатан ба фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ барои кори бароҳат ва некуаҳволии кормандон, фароҳам овардани шароит барои рушди мунтазами касбӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги кормандон нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, кори диссертатсионии Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Васоити ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таҳқиқи мавзуъ мубрамияти хос дорад. ВАО-и корпоративӣ пайванди воситаҳоест, ки ба баланд бардоштани обрӯйи ширкат нигаронида шудаанд ва консепсияи онҳо бояд ба стратегияи рушди тиҷорати асосӣ иртиботи бевосита дошта бошад. Аз як тараф, расонаҳои корпоративӣ, ки як ҷузъи стратегияи PR мебошанд, бояд вазифаҳои корпоративиро иҷро кунанд. Аз тарафи дигар, интихоби босалоҳияти таблиғгарон, мушаххас кардани молу хизматрасониҳое, ки воқеан барои аудитория ҷолибанд, инчунин эҷоди муштараки мундариҷа бо таблиғгар барои нигоҳ доштани таваҷҷуҳи хонанда мусоидат мекунад. Қабул шудааст, ки узвияти шахс ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, масалан ба ин ё он корпоратсия, бояд ба таври худкор ба маънои таваҷҷуҳ доштани ӯ ба ВАО-и корпоративӣ фаҳмида шавад. Аммо ин омил муҳим нест: аудиторияи эҳтимолӣ замоне ба маҳсулот таваҷҷуҳ хоҳад кард, ки он ба талаботи мушаххас ҷавобгӯ бошад.

Тавре таҳқиқи Ҳамидиён И.И. маълум намуд, хусусияти муҳимми ВАО-и корпоративӣ дар он аст, ки онҳо воситаи идоракунӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, онҳо дорои тамоми хусусиятҳои васоити ахбори омма ҳастанд. Вазифаи идоракунӣ муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ВАО-и корпоративӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар диссертатсия дақиқ менамояд, ки хусусияти дигари фарққунандаи ин навъи ВАО дар пинҳон накардани вобастагиашон зоҳир мегардад. Онҳо ошкоро сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ва сармоягузориро ба ҳамкорӣ даъват мекунанд.

Ба таъкиди дурусти муаллиф, дигар хусусияти онҳо дар он ифода меёбад, ки ВАО-и корпоративӣ, дар баробари жанрҳои журналистӣ, жанрҳои матни PR-ро низ фаъолона истифода мебаранд.

Фаъолияти ҳар як ширкат бояд аз таҳияи стратегияи амал оғоз гардад. Ин раванд, бешубҳа, ба фаъолияти онлайнӣ иртибот дорад. Рушди тиҷорати интернетӣ ҳоло дар ду самти асосӣ сурат мегирад: самти аввал – фурӯши мустақими мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда (Business to Client, «Тиҷорат бо истеъмолкунанда» ё «B2C»). Соҳаи дуввум – ҳамкории тиҷорати онлайнӣ (Business to Business, «Тиҷорат бо тиҷорат» ё «B2B») аст. Тибқи дурнамо, самти аввал – фурӯхтани мол ва хизматрасонӣ дар интернет солҳои наздик дурнамои хушоянд надорад. Он ба сатҳи қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ, фарогирии онҳо бо имконияти кор дар интернет ва психологияи харидор вобаста аст.

Ҳарчанд имрӯз бозори савдои интернетӣ дар Тоҷикистон гарм аст, гарон будани нархи интернет, фарогир набудани мавҷи он дар манотиқи гуногун ва бароварда нашудани интизориҳои муштарӣ аз хариди онлайнӣ ба рушди марҳилаи B2C метавонад монеаи ҷиддӣ пеш орад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мушкилоти расонаҳои корпоративӣ дар Тоҷикистон аз мубрам будани мавзуъ дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бояд иброз намуд, ки собитсозии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия беш аз 15 сол идома ёфта, масъала ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ҷолиби диққат аст, ВАО-и корпоративӣ ҳамчун қисми таркибии бренди ширкат ва воситаи муассири маъракаи PR таҳлил гардидаанд. Ҳамидиён И.И. сомонаҳои корпоративиро ҳамчун воситаи менеджмент ва маркетинг баррасӣ намуда, иртиботи онҳоро бо журналистика собит кардааст.

Илова бар ин, ташаккули фарҳанг ва этикаи корпоративӣ тавассути пахши радио ва телевизиони корпоративӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ба ҳимоя 12 нукта пешниҳод мегардад, ки ҷолиб ва мубрам ҳастанд. Махсусан банди охирон бозгӯ менамояд, ки дурнамои рушди ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон ба тавсеаи бозори хизматрасонӣ барои нашр ва паҳн кардани онҳо дар асоси истеҳсол аз ҷониби пудратчии беруна дар асоси фармоиши корпоратсия («нашри фармоишӣ» ё аутсорсинг) марбут хоҳад буд. Ин мавзуъ барои илми журналистикаи Тоҷикистон нав мебошад.

Ба таъкиди довталаби дараҷаи илмӣ, дар шароити иҷтимоикунонии тиҷорат ВАО-и корпоративӣ ба восита ва шакли муоширати оммавӣ табдил меёбад.

Дар байни натиҷаҳои ин фаъолият метавон риояи принсипҳои масъулияти иҷтимоӣ, устуворӣ дар иртиботи ҳасанаи корхона ва ҷамъият, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва худшиносии кормандон, такмил додани истеҳсолот, дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайраро номбар намоем. Ин нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ метавонад мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода диссертатсияро дуруст ҷамъбаст намуда, ҳар бобро дар алоҳидагӣ натиҷагирӣ менамояд. Ҳамзамон, дар охири диссертатсия 23 хулосаи алоҳида оварда шуда, оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 11 тавсия дода мешавад. Аз ҷумла, иброз мегардад, ки мавқеи ҷамъиятии ВАО-и корпоративӣ аз мақоми расонаҳои ҷамъиятӣ дар фосилаи зиёд қарор дорад. Бинобар ин, танзими қонунгузории ин навъи воситаҳои ахбори омма низ бояд аз танзими матбуоти ҷамъиятӣ фарқ кунад. Бо назардошти афзоиш ва рушди ВАО-и корпоративӣ дар ҷумҳурӣ зарур аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мафҳуми «ВАО-и корпоративӣ» ворид карда шавад ва ё бақайдгирии ВАО-и корпоративӣ бекор гардид. Ҳамчун намояндаи мақомоти ваколатдори қонунбарор иброз менамоям, ки ин таклифи муаллифи диссертатсия ба манфиат мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Тавсияҳои диссертатсия дар асоси инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бунёд гардида, ба баланд бардоштани самаранокии кори ВАО-и корпоративӣ мусоидат мекунанд. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун як намуди ВАО заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Истифодаи маводи таҳқиқ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои нашр ва паҳн намудани ВАО-и корпоративии худро дубора таҷдид намоянд ва самаранокии кори онҳоро беҳтар созанд.

Маводи диссертатсия метавонад барои омӯзонидани хусусиятҳои ВАО-и корпоративӣ дар донишгоҳҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони ин соҳа истифода шавад.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 381 саҳифа буда, рӯйхати адабиёт аз 700 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назарию методологӣ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва дигар талаботи зарурӣ қайд гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои «Пайдоиш ва таҳаввули ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» дар се фасл баррасӣ мегарданд. Фасли якуми боби якум «Заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ», фасли дуюми боби якум «Омилҳои типологии ташаккули матбуоти корпоративӣ» ва фасли сеюми боби якум «Марҳилаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии равандҳои демократӣ дар онҳо» унвон дошта, муҳимтарин масъалаҳои баррасишаванда матраҳ мегарданд.

Дар боби дуюми диссертатсия «Таҷрибаи интишори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» таҳқиқ гардида, фасли аввал ба баррасии «ВАО-и корпоративӣ ҳамчун низоми фаъолият», фасли дуюми боби дуюм ба таҳлили «Реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон» ва фасли сеюми боби дуюм ба таҳқиқи «Ташаккули фарҳанг ва этикаи ВАО-и корпоративӣ» бахшида шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаи «Мавзуъ ва жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» таҳлил мешавад. Фасли якуми боби сеюм «Навъҳои жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» унвон дошта, фасли дуюм «Нақши ВАО-и корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат» ва фасли сеюми боби сеюм ба таҳқиқи масъалаи «Сомонаҳои корпоративӣ – воситаи муассири менеҷмент ва маркетинг» алоқаманд аст.

Дар боби чаҳоруми диссертатсия мавзуи «Мавқеъ ва дурнамои воситаҳои корпоративии муосир дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» таҳқиқ мешавад. Зербоби якум «Вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ» ном дошта, ин падидаро баррасӣ менамояд. Фасли дуюми боби чаҳорум «Маҷаллаҳои бортӣ ҳамчун навъи ВАО-и корпоративӣ» ва фасли сеюми боби ҷаҳорум ба пажӯҳиши масъалаи «Нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ» номгузорӣ гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаи диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 23 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банду мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба мавзуъ ва мухтавои диссертатсия аз тарафи муаллиф 4 монография, 36 мақолаи илмии чопӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ба таври фарогир натиҷаҳои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Илова бар ин, дар марҳилаҳои гуногун муаллифи диссертатсия Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода, ки собиқаи хуби фаъолияти ҳизбӣ низ дорад, дар 60 конфронсҳои гуногуни байналмилалӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баромад намудааст.

Ҳамин тариқ, шумораи маводи чопкардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Ҳамчун вакили мардумӣ ва собиқ муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо итминон иброз медорам, ки диссертатсия аз ҷониби довталаб мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ мебошад.

Ҳамидиён И. И. ҳанӯз аз замони донишҷӯӣ дар ВАО-и гуногуни корпоративии Тоҷикистон дар вазифаҳои пурмасъул кор карда, соли 2010 диссертатсияи номзадӣ ҳимоя намуда буд.

Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд, ки ислоҳашон ба манфиат дониста мешавад:

1. Дар саҳифаи 67 диссертатсия диссертант менависад: «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нақши васоити ахбори омма ҷиҳати муаррифии ширкат дар чорабиниҳои гуногунсамт вусъати тоза касб мекунад. Самаранокии иттилооте, ки ба аудиторияи беруна нигаронида шудааст ва тавассути як рӯзномаи корпоративӣ паҳн мегардад, бештар эътимодбахш буда, ҳамчун сарчашмаи муътамади хабарӣ баромад менамояд». Ин ҷо бояд иброз намоем, ки дар шароити муосир тавассути ВАО-и корпоративӣ масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ метавонад мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар ин замима, шарҳи бештари муаллифи диссертатсия ба манфиат хоҳад буд.
2. Бешубҳа, фаъолнокии сомона муносибати муштариёни онро нисбат ба ширкат ва хизматрасонӣ муайян менамояд. Ба масъалаи нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ диққати зиёд дода шудааст. Фаслҳои сеюми бобҳои 3 ва 4 ба баррасии масъалаҳои ҳамсон иртибот доранд.
3. Масъалаи иртибот ва нақши ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар иҷтимоикунонии тиҷорат агарчӣ дар илми журналистика нав маҳсуб меёбад, дар соҳаҳои менеҷмент ва маркетинг баррасӣ шудаанд. Шарҳи муаллифро оид ба тафовути ин баррасиҳо ва авлавиятҳои он дар илми журналистикаи ватанӣ донистан мехоҳем.
4. Муаллифи диссертатсия захираи бузурги адабиёти илмиро на танҳо оид ба мавзуи худ, балки дар маҷмуъ, перомуни журналистикаи корпоративии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷамъоварӣ ва таҳлилу таҳқиқ кардааст, вале ба назар мерасад, ки дар бештарини мавридҳо довталаб ба адабиёти рус такя кардааст. Ба инобат гирифтани асарҳои олимони тоҷик зимни ба чоп омода кардани монография аз аҳаммият холӣ нест.
5. Хуб мешуд, ки дар бахши «Тавсияҳо» диссертант шумораи таклифҳои хешро зиёдтар менамуд, то кормандони идораҳои гуногуни ВАО-и корпоративӣ аз онҳо истифода мебурданд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Эродҳои номбурда хислати тавсиявӣ дошта, аҳаммияти диссертатсияро коста намекунанд.

Диссертатсия таҳқиқи анҷомёфта буда, аз навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод иборат аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҳамидиён И. И. бо доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

Тақризи мазкур дар доираи талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) таълиф гардид.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобоҷониён Р. М.**
«03» феврали соли 2025

*Суроға:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Пушкин хонаи 1, хучраи 47
*Тамос:* (+992) 93-370-20-50
*E-mail:* rano-bobojon@mail.ru

*«Имзои д.и.филол., профессор Бобоҷониён Р.М.-ро тасдиқ мекунам»*
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории**
**махсуси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафарзода Ф.С.**
«03» феврали соли 2025

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*Суроға:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 44
*Тамос:* (+992) 37 2212366
*Сомона:* https://parlament.tj/